

# ЧИҲИЛ ҲАДИСИ ИМОМ НАВАВӢ

# БО ЗИКРИ ФОИДАҲОИ АҲОДИС

ТАРҶУМА ВА ОМОДАӢ:
ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

## ҲАДИСИ ЯКУМ

Аз Амири мӯъминон Абӯҳафс Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд:**"Албатта амалҳо ба ниятҳо (мӯътабар) аст ва албатта барои ҳар шахс он чизест, ки ният кардааст, пас касе ҳиҷраташ ба сӯи Аллоҳ ва расулаш бошад, пас ҳиҷрати ӯ ба сӯи Аллоҳ ва расулаш аст. Ва касе, ки ҳиҷраташ барои дунё бошад, ӯро дунё мерасад, ё ба сӯи зане бошад, ӯро никоҳ мекунад, пас ҳиҷраташ ба сӯи он чизе мебошад, ки ба сӯи он ҳиҷрат кардааст "**.

Ин ҳадисро ду имоми муҳаддисон Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғира ибни Бардизбаи Бухорӣ ва Абӯлҳусайн Муслим ибни Ҳаҷоҷ ибни Муслими Қушайрӣ Нишопурӣ дар "Саҳеҳ"-ашон, ки он ду саҳеҳтарин китобҳои таснифшуда аст, ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта амал нест магар ба ният.

2- Албатта амалҳо ба ниятҳо мӯътабар аст.

3- Албатта аҷру савоби амалкунанда бар амалаш ба мувофиқи нияташ аст.

4- Мисол овардани олим барои тавзеҳ ва баён.

5- Фазли ҳиҷрат барои мисол овардани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он. Ва ба таҳқиқ дар Саҳеҳи Муслим (таҳти рақами 192) аз Амр ибни Ос разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят омадааст, ки фармуд: "Оё надонистӣ, ки Ислом он чизеро, ки пеш аз он буд, нобуд мекунад ва ин ки ҳиҷрат он чизеро, ки пеш аз он буд, нобуд месозад ва ин ки ҳаҷ он чизеро, ки пеш аз он буд, нобуд месозад? ".

6- Албатта инсон ба мувофиқи нияташ аҷр дода мешавад, ё гунаҳгор мешавад, ё аз аҷр маҳрум мешавад.

7- Албатта амалҳо ба мувофиқи он чизе, ки барои он васила мешавад, мебошад. Пас гоҳо як чиз дар асл мубоҳ мебошад, ҳаргоҳ инсон ба он нияти хайр кунад, тоат мешавад, монанди хӯрдан ва нӯшидан, ҳаргоҳ ба он нияти қувват гирифтан бар ибодат бошад.

8- Албатта як амал барои инсоне аҷр мебошад ва барои инсоне ҳирмон (аз аҷр) мебошад.

Мегуям:НАМОЗ яке аз асосҳои Ислом аст, агар инсон онро мувофиқи шариат ва холис барои Аллоҳ анҷом диҳад, аҷру савоб дода мешавад. Ва агар барои риё (худнамоӣ) анҷом диҳад аз аҷру савоб маҳрум шуда гунаҳгор мешавад.

Аллоҳ ҳамаи моро ба Қуръону Суннат амал карданро насиб гардонад ва аз ширк, риё, уҷб ва бидъат дӯр гардонад, ОМИН.

## ҲАДИСИ ДУЮМ

Аз Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу низ ривоят аст, ки гуфт: **Вақте як рӯз назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаста будем, ногоҳ бар мо марде зоҳир шуд, ки ҷомаҳои бисёр сафед ва мӯйҳои бисёр сиёҳ дошт ва бар вай ҳеҷ осори сафар дида намешуд. Ва ҳеҷ кас аз мо ӯро намешинохт, то он ки пеши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаст ва ҳар ду зонуи худро ба ҳар ду зонуи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам такя дод ва ҳар ду кафи дастҳои худро ба ҳар ду рони худ ниҳод ва гуфт: Эй Муҳаммад, маро аз Ислом хабар деҳ!? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Ислом ин аст, ки гувоҳи диҳӣ, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ба таҳқиқ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристодаи Ӯст ва намозро барпо дорӣ, закот диҳӣ, рӯза дорӣ ва қасди хонаи Каъба кунӣ, агар тавони рафтани онро ёфтӣ. Он мард гуфт: Рост гуфтӣ. Пас мо тааҷҷуб кардем, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам савол мекунад ва сипас Ӯро тасдиқ мекунад.**

**Гуфт: Маро аз имон хабар деҳ!**

**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Имон биёрӣ ба Аллоҳ, ба фариштагони Ӯ,  ба китобҳои Ӯ, ба паёмбарони Ӯ ва**

**ба рӯзи охират ва имон биёрӣ ба тақдири хайр ва шарр, ки аз ҷониби Аллоҳ аст ".**

**Гуфт: Рост гуфтӣ, пас маро аз эҳсон хабар деҳ!?**

**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ин ки Аллоҳро ибодат кунӣ, чуноне ки Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, бешак Ӯ туро мебинад. Гуфт: Маро аз (вақти) қиёмат хабар деҳ?**

**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Дар мавзӯи он пурсидашуда донотар аз пурсанда нест ".**

**Гуфт: Маро аз аломатҳои қиёмат хабар деҳ?!**

**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Ин ки каниз оқои худро бизояд ва ин ки пойлучон, бараҳнатанон, фақирон ва чаронандагони гусфандонро бубинӣ, ки дар биноҳо ва иморатҳо бар якдигар сабқат ва такаббурӣ кунанд "**.

Пас он мард рафт ва ман то вақте истодам, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Эй Умар оё медонӣ, ки ин пурсанда кӣ буд?**

Гуфтам: Аллоҳ ва расули Ӯ беҳтар медонанд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Ӯ Ҷибраил алайҳис салом буд, назди шумо омад, то бароятон умури динатонро биомӯзонад "**.

(Ривояти Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта саволдиҳанда ҳамонгуна ки барои омӯхтан мепурсад, пас гоҳо барои таълим додан мепурсад. Пас барои шунавондани ҳозирон ҷавоби масъалаеро аз олиме мепурсад.

2- Албатта малоикаҳо аз ҳайати офаридашудаашон ба ҳайати дигар мегарданд ва ба шакли одамҳо меоянд. Дар ин далел бар ҷоиз будани тамсил (спектакл) , ки дар ин замон машҳур шудааст, намебошад. Пас албатта он навъе аз дурӯғ аст. Ва барои Ҷибраил алайҳис салом он чи ҳосил шуд, пас он ба иҷозат ва қудрати Аллоҳ шуд.

3- Баёни одоби таълимгиранда дар назди муаллим.

4- Албатта дар вақти якҷо омадани лафзи ислому имон, ислом ба умури зоҳирӣ тафсир карда мешавад ва имон ба умури ботинӣ тафсир карда мешавад.

5- (Дар даъват)  ба чизи  муҳимтар пас муҳимтар сар кардан, зеро дар тафсири ислом ба ду калимаи шаҳодат сар карда шуд ва дар тафсири имон ба имони ба Аллоҳ сар карда шуд.

6- Албатта асосҳои Ислом панҷтост ва усули имон шаштост.

7- Албатта имон овардан ба шаш усули имон, аз ҷумлаи имони ба ғайб аст.

8- Баёни фарқ байни ислому имон ва эҳсон.

9- Баёни олӣ будани дараҷаи эҳсон.

10- Албатта донистани вақти қиёмат, аз ҷумлаи он чизест, ки Аллоҳ дар назди худ нигаҳ дошта аст.

11- Баёни чизе аз аломатҳои воқеъ шудани қиёмат.

12-  Гуфтани пурсидашуда аз он чизе ки намедонад: Аллоҳ донотар аст.

Мегуям:Аллоҳ ба ҳамаи мо имони устуворро насиб гардонад, ОМИН.

## ҲАДИСИ СЕЮМ

Аз Абӯабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб разиял-лоҳу анҳумо ривоят аст, ки  гуфт:Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд:**"Ислом бар панҷ асос бино шудааст:**

**Шаҳодат додани ин ки  маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз ва пардохти закот ва ҳаҷҷи хонаи Каъба ва доштани рӯзаи Рамазон "**.

(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни аҳамияти ин панҷ асос, барои бино шудани Ислом бар онҳо.

2- Монанд кардани умури маънавӣ ба ҳиссӣ, барои дар зеҳнҳо қарор гирифтанаш.

3- (Дар даъват) ба муҳимтар пас муҳимтар сар кардан.

4- Ин ки ду шаҳодат худашон асос ҳастанд ва барои ғайрашон асосанд, пас амал қабул намешавад, магар вақте ки бар ин ду бино карда шавад.

5- Тақдими намоз бар дигар амалҳо, зеро он пайванди устувор дар миёни банда ва Парвардигораш мебошад.

## ҲАДИСИ ЧОРУМ

Аз Абӯабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу таъоло анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба мо ҳадис гуфт ва Ӯ содиқу тасдиқшуда аст:**"Албатта яке аз шумо офариданаш дар раҳми модараш ҷамъ карда мешавад, чил рӯз нутфа, сипас монанди он (чил рӯз) хуни баста мебошад, сипас монанди он гуштпора мебошад, сипас ба сӯяш малоика фиристода мешавад, пас дар он рӯҳро медамад ва ба чаҳор калима амр карда мешавад:Ба навистани ризқаш ва аҷалаш ва амалаш ва бадбахт, ё некбахтияш. Пас қасам ба Аллоҳе, ки илоҳи (ҳаққе) ба ҷуз Ӯ нест, албатта якеи шумо ҳароина ба амали аҳли Ҷаннат амал мекунад, то ки байни ӯ ва Ҷаннат чизе ба ҷуз як зироъ намемонад, пас китоб (қадар) бар ӯ сабқат мекунад, пас ба амали аҳли Дӯзах амал мекунад, пас дохили он мешавад. Ва албатта якеи шумо ба амали аҳли Дӯзах амал мекунад, то ки байни ӯ ва он, чизе ба ҷуз як зироъ намемонад, пас китоб (қадар) бар ӯ сабқат мекунад, пас ба амали аҳли Ҷаннат амал мекунад, пас дохили он мешавад "**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни марҳалаҳои халқи инсон дар раҳми модараш.

2- Албатта дамидани руҳ дар яксаду бист рӯз мебошад ва ба сабаби ин инсон мешавад.

3-Албатта баъзе малоикаҳо ба раҳмҳо вазифадоранд.

4- Ба ғайб имон доштан.

5- Ба қадар имон овардан ва ин ки қадар ҳамаи мавҷудотро сабқат кардааст.

6- Барои таъкид беқасам додан, қасам ёд кардан.

7- Амалҳо ба хотимаҳояш мӯътабар аст.

8- Байни хавфу (тарсу) раҷо (умед) ҷамъ кардан ва ин ки бар касе, ки эҳсон мекунад аз хотимаи бад битарсад ва касе ки бадкирдор аст, аз раҳмати Аллоҳ ноумед нашавад.

9- Албатта амалҳо сабаби даромадани Ҷаннат, ё Дӯзах мешавад.

10- Албатта касе ки бадбахт нависта шудааст, ҳолаш дар дунё дониста намешавад ва аксаш инчунин аст.

АЛЛОҲ БА ҲАМАИ МО ҲУСНИ ХОТИМАРО НАСИБ КУНАД, ОМИН.

## ҲАДИСИ ПАНҶУМ

Аз Уммулмӯъминин, Умми Абдуллоҳ Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе дар дини мо чизеро пайдо кунад, ки аз он нест, пас он радшудааст "**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва дар ривояти Муслим омадааст: "Касе амале кунад, ки аз амри мо нест, пас он радшудааст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Дар дин бидъат овардан ҳаром аст.

2- Амале ки бар бидъат бино шуда аст, бар соҳибаш радшуда аст (яъне мақбул нест) .

3- Наҳй тақозои фасод мекунад.

4-Албатта амали машрӯъ (ҷоиз) вақте бар хилофи шариат анҷом дода шавад, монанди бесабаб нафл хондан дар вақти наҳйшуда ва дар рӯзи ид рӯза доштан ва монанди ин, пас албатта он ботил асту ҳисобида намешавад.

5- Албатта ҳукми ҳоким он чизеро ки дар асли амр аст, тағйир намедиҳад, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Бар он амри мо нест ".

6- Албатта сулҳи фосид ботил аст ва он чизе ки дар асоси он гирифта шудааст, гардонда мешавад, ҳамонгуна ки дар ҳадиси Усайф омадааст.

Мегуям:АЛЛОҲ ҲАМАИ МОРО АМАЛ КАРДАН БА МУВОФИҚИ ШАРИАТАШРО НАСИБ КУНАД, ОМИН.

## ҲАДИСИ ШАШУМ

Аз Абӯабдуллоҳ Нӯъмон ибни Башир разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд:**"Албатта ҳалол ошкор аст ва албатта ҳаром ошкор аст ва дар байни ин ду амрҳои муштабиҳот аст, ки бисёри мардум онҳоро намедонанд. Пас касе ки аз шубҳаҳо парҳез кунад, пас ба таҳқиқ дин ва ирзашро пок нигоҳ дошта аст ва касе ки дар шубҳаҳо воқеъ шавад, дар ҳаром воқеъ шудааст, монанди чупоне, ки дар атрофи ҳудуд мечаронад, наздик аст, ки аз он бичарад. Огоҳ бошед, барои ҳар подшоҳ ҳудуд аст, огоҳ бошед, ки ҳудуди Аллоҳ ҳаромкардаҳои Ӯст. Огоҳ бошед, албатта дар ҷасад гуштпорае аст, ҳаргоҳ ислоҳ шавад, ҳамаи ҷасад ислоҳ мешавад ва ҳаргоҳ фосид шавад, ҳамаи ҷасад фосид мешавад. Огоҳ бошед, он гуштпора қалб аст "**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни тақсими ашё дар шариат ба ҳалоли ошкор ва ҳароми ошкор ва муштабиҳ (шубҳанок) , ки дар байни ин ду тараддуд дорад.

2- Албатта муштабиҳро бисёри мардум намедонад ва баъзеаш ҳукми онро ба далелаш медонад.

3- Шубҳаро тарк кардан, то ки ҳалол буданаш донista шавад.

4- Мисол овардан, то ки маъноҳои маънавӣ ба ташбеҳ кардани онҳо ба ҳиссӣ баён шавад.

5- Албатта инсон ҳаргоҳ дар умури шубҳанок воқеъ шавад, бар ӯ воқеъ шудан дар амрҳои возеҳ осон мешавад.

6- Баёни бузургии шаъни қалб ва ин ки аъзои ҷасад тобеи он ҳастанд, ба салоҳи он ислоҳ мешаванд ва ба фасоди он фосид мешаванд.

7- Фасоди зоҳир далолат бар фасоди ботин мекунад.

8- Албатта дар парҳез кардан аз шубҳаҳо, инсон диншро аз нуқсон ва ирзашро аз айбу расвоӣ муҳофизат мекунад.

Аллоҳ ба ҳамаи мо илми нофеъро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ҲАФТУМ

Аз Абӯруқая Тамим ибни Авси Дорӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Дин насиҳат аст, гуфтем: Барои кӣ? Фармуд: Барои Аллоҳ ва барои китоби Ӯ ва барои расулаш ва барои имомҳои мусалмонон ва барои ҳамаашон "**. (Ривояти Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни бузургии шаъни насиҳат ва бузург будани манзилати он дар Дин.

2- Баёни ин ки насиҳат барои кӣ аст.

3- Ташвиқ намудан бар насиҳат дар панҷ чизе ки дар ҳадис зикр шудааст.

4- Кушиши саҳоба ба донистани амрҳои Дин ва ин ба савол додани онҳо, ки насиҳат барои кист.

5- Албатта динро бар амал равона карда мешавад, аз ҷиҳати динро насиҳат номиданаш.

Аллоҳ моро аз ҷумлаи носиҳон қарор диҳад, омин.

## ҲАДИСИ ҲАШТУМ

Аз ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Амр шудаам, ки бо мардум биҷангам, то он ки гувоҳӣ диҳанд, ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва намозро барпо доранд ва закот бидиҳанд. Пас ҳаргоҳ ин корро бикунанд аз Ман хунҳо ва молҳои худро боз доранд, магар ба ҳаққи Ислом ва ҳисоби онҳо бар Аллоҳ таъоло аст "**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Амр ба ҷангидан то ҳосил шудани ду шаҳодат ва намозу закот.

2- Изофаи феъл бар қавл, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Пас ҳаргоҳ инро карданд " ва он чизе ки пеш аз ин зикр шуд ду шаҳодат буд ва он ду қавл аст.

3- Исботи ҳисоб бар амалҳо дар рӯзи қиёмат.

4- Албатта касе ки аз пардохти закот даст кашад, барои напардохтани он бо ӯ ҷангида мешавад, то ки онро пардохт кунад.

5- Албатта касе ки Исломро ошкор кунад аз ӯ қабул карда мешавад ва амри ботинаш ба Аллоҳ супорида мешавад.

6- Байни ин ду шаҳодат вобастагии сахт аст ва якҷоя будани ин ду зарурӣ аст.

7- Баёни бузургии шаъни намоз ва закот ва намоз ҳаққи бадан ва закот ҳаққи мол аст.

Аллоҳ ба ҳамаи мо ботинану зоҳиран амал карданро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ НУҲУМ

Аз Абӯҳурайра Абдурраҳмон ибни Сахр разияллоҳу таъоло анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд:**"Аз чизе ки шуморо наҳй кардам, пас аз он дӯрӣ ҷуед ва ба он чизе ки шуморо амр кардам, пас ба қадри тавонатон онро анҷом диҳед. Пас, албатта касоне ки пеш аз шумо буданд бисёрии саволҳо ва ихтилофашон бар паёмбаронашон онҳоро ҳалок кард "**. (Ривоят Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Тарк кардани ҳамаи чизе ки онро Аллоҳ ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаром гардондаанд, воҷиб аст.

2- Ҳамаи он чизеро, ки Аллоҳ ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам воҷиб гардондаанд, воҷиб аст.

3- Ҳазар кунондан аз воқеъ шудан дар он чизе ки аҳли китоб воқеъ шудаанду сабаби ҳалокашон дар он буд.

4- Албатта бар инсон бештар аз тавоноияш воҷиб намешавад.

5- Касе аз анҷоми баъзеи амршуда оҷиз ояд, ӯро басанда аст, ки ба қадри тавонаш анҷом диҳад.

6- Дар масъалаҳо бар он чизе ки муҳтоҷ мешавад, ихтисор кардан ва дар масъалаҳо танаттуъу (зиёдаравию) такаллуф накардан.

Аллоҳ ба ҳамаи мо ботинану зоҳиран амал карданро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ДАҲУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу таъоло анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Албатта Аллоҳ таъоло тайиб (пок) аст, қабул намекунад, магар чизи покро ва албатта Аллоҳ мӯъминонро амр кардааст ба он чизе ки расулонро амр карда аст, пас фармуд: "Эй Расулон! Аз (ғизоҳои) покиза бихӯред ва кори шоиста анҷом диҳед " (Мӯъминун: 51). Ва Аллоҳ таъоло фармуд: "Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳои покизае, ки рӯзии шумо кардаем, бихӯред ". Сипас мардеро зикр кард, ки сафари тулонӣ мекунад, мӯи жулида, ғуборолуд, дастонашро ба сӯи осмон мебардорад: Эй Парвардигор! Эй Парвардигор! Ва таомаш ҳаром ва шаробаш ҳаром ва либосаш ҳаром ва ба ҳаром ғизо дода шудааст, пас аз куҷо барои ӯ (дуояш) мустаҷоб мешавад ".** (Ривояти Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта Тайиб аз номҳои Аллоҳ аст ва маънояш аз нуқсонҳо пок аст ва албатта аз сифатҳояш Тайиб аст, зеро ҳамаи номҳои Аллоҳ муштақ ҳастанд ва бар сифатҳое, ки аз он номҳо гирифта шудааст, далолат мекунад.

2- Албатта бар мӯъмин лозим аст, ки ба амалҳо ва касбҳои пок амал намояд.

3- Албатта садақа қабул намешавад, магар аз моли ҳалол ва ба таҳқиқ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аллоҳ намози бетаҳоратро қабул намекунад ва садақаи аз моли хиёнатро қабул намекунад ". (Ривояти Муслим, 224)

4-Хайрхоҳии Аллоҳ бар бандагонаш ба неъматҳо ва амри онҳо, ки аз чизҳои покиза бихӯред.

5- Албатта хӯрдани ҳаром аз сабабҳои қабул нашидани дуо аст.

6- Албатта аз сабабҳои қабули дуо сафар аст ва мӯи жулида, ғуборолуд будани дуогӯянда.

7- Албатта аз сабабҳои қабули дуо низ бардоштани дастон дар дуо мебошад.

8- Албатта аз сабабҳояш низ ба номҳои Аллоҳ тавассул гирифтан аст.

9- Албатта аз сабабҳояш бо истодагарӣ Аллоҳро дуо кардан аст.

Аллоҳ ба ҳамаи мо ризқу рӯзии ҳалолро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ЁЗДАҲУМ

Аз Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб набераи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва райҳони Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳифз намудам:**"Он чи туро дар шакку шубҳа меандозад тарк кун, он чи туро дар шакку шубҳа намеандозад бигир"**. (Ривояти Тирмизӣ ва Насоӣ. Ва Тирмизӣ гуфт: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст) .

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1-Тарки он чизе ки дар он шакку шубҳа аст ва чизеро гирифтан, ки дар он шакку шубҳа нест.

2- Албатта тарки он чизе ки дар он шубҳа аст, дар ин тарк намудан барои нафс роҳат ва аз беқарорӣ саломат мондан аст.

Аллоҳ таъоло моро аз шубҳаҳо дур бигардонад, омин.

## ҲАДИСИ ДУВОЗДАҲУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу таъоло анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Аз ҳусну зебогии исломи шахси мусалмон ин аст, ки он чизеро, ки ба ӯ алоқаву дахл надорад тарк намояд"**. Ҳадиси ҳасан аст, Тирмизӣ ва дигарон инчунин ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Тарк кардани инсон он амрҳоеро, ки ба дину дунёаш дахл надорад.

2- Машғул шудани инсон ба он амрҳое, ки дар дину дунёаш дахл дорад.

3- Албатта дар тарк кардани он чизе ки ба ӯ дахл надорад, роҳати нафсаш ва ҳифзи вақташ ва саломат мондани ирзу номусаш мебошад.

4- Мутафовит (гуногун) будани мардум дар Ислом.

Аллоҳ таъоло ба мо амал намудан ба дастуроти Паёмбар алайҳис саломро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ СЕЗДАҲУМ

Аз Абӯҳамза Анас ибни Молик разияллоҳу таъоло анҳу хизматгори Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:**"Яке аз шумо имон намеорад, то ки барои бародараш дӯст дорад он чиро ки барои худаш дӯст медорад"**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Мусалмон барои бародари мусалмонаш дӯст дорад он чизеро, ки барои худаш дӯст медорад ва барои ӯ бад бинад он чизеро, ки барои худаш бад мебинад.

2- Дар ин тарғиб кардан барои нафйи шудани камоли имони воҷиб аз ӯ, то ки инчунин бошад.

3- Албатта мӯъминҳо дар имон гуногун мебошанд.

4- Дар таъбир ба (бародараш) меҳрубонӣ барои мусалмон аст, то ки аз ӯ барои бародараш ин ҳосил шавад.

Аллоҳ дар байни мусалмон муҳаббату дӯстиро ривоҷ диҳад, омин.

## ҲАДИСИ ЧОРДАҲУМ

Аз ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Хуни шахси мусалмон ҳалол намебошад, магар ба яке аз се чиз: Бевазани зинокор ва нафс дар муқобили нафс ва касе ки диншро тарк мекунад, аз ҷамоат ҷудо мешавад"**.

(Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд) .

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳифзи хуни мусалмон, магар вақте ки ба яке аз ин се чиз дучор ояд.

2- Албатта ҳукми зинокори зандида ба сангсор куштан аст.

3- Қотиле, ки қасдан куштааст, аз рӯи қисос куштан, ҳаргоҳ шартҳои қисос ёфта шавад.

4- Куштани касе, ки аз дини Ислом гаштааст, хоҳ мард бошад, ё зан.

Аллоҳ мусалмононро аз муҷиботи қатл ҳифз намояд, омин.

## ҲАДИСИ ПОНЗДАҲУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Касе ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон дорад, пас сухани хайр бигӯяд, ё сукут кунад ва касе ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон дорад, пас ҳамсояашро икром кунад ва касе ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон дорад, пас меҳмонашро икром кунад"**. (Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд) .

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Дар сухане, ки дар он хайр аст, тарғиб кардан.

2- Дар хомушӣ тарғиб кардан, ҳаргоҳ дар сухан хайр набошад.

3- Ҳангоми тарғибу тарҳиб ёдоварӣ ба рӯзи охират кардан, зеро дар он рӯз ҳисоби амалҳост.

4- Дар икроми ҳамсоя тарғиб кардан ва аз озори ӯ ҳазар кунонидан.

5- Бар икрому эҳсони меҳмон ташвиқ кунонидан.

Аллоҳ ба ин хислатҳои наку амал карданро насибамон гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ШОНЗДАҲУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки марде ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Маро васият кун! Фармуд:**"Ғазаб накун"**, пас он мард чанд бор такрор кард, фармуд: **Ғазаб накун!**". (Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳоба бар кори хайр, барои талаби васият кардани саҳоба аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

2- Аз сабабҳои барангезандаи ғазаб ва осоре, ки бар он ҳосил мешавад, ҳазар кунонидан.

3- Такрори васият ба наҳй аз ғазаб, бар аҳамияти ин васият далолат мекунад.

Аллоҳ аз барангезандаҳои ғазаб моро ҳифз намояд, омин.

## ҲАДИСИ ҲАБДАҲУМ

Аз Абӯяъло Шаддод ибни Авс разияллоҳу анҳу аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:**"Албатта Аллоҳ эҳсонро бар ҳамаи чиз воҷиб гардонда аст, пас ҳаргоҳ куштед, пас нек бикушед ва ҳаргоҳ молеро забҳ кардед, пас нек забҳ кунед. Ва яке аз шумо кордашро тез кунад ва молеро, ки забҳ мекунад, роҳат диҳад "**. (Ривояти Муслим)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Эҳсон дар ҳамаи чиз воҷиб аст.

2- Вуҷубияти эҳсон дар вақти қатл, ба осонтарин роҳи қатл куштан.

3- Вуҷубияти эҳсон дар вақти забҳи ҳайвон инчунин мебошад.

4- Санҷидани олати забҳ пеш аз забҳ кардан, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам "Ва яке аз шумо кордашро тез кунад ва молеро, ки мекушад роҳат диҳад.

## ҲАДИСИ ҲАЖДАҲУМ

Аз Абӯзар Ҷундуб ибни Ҷунода ва Абӯабдурраҳмон Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу таъоло анҳумо аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:**"Ҳарҷо бошӣ  аз Аллоҳ битарс ва баъди бадӣ хубӣ кун, хубӣ бадиро нобуд мекунад ва бо мардум хушрафтор бош"**. Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда гуфтааст: Ҳадиси ҳасан аст ва дар баъзе нусхаҳо: "Ҳасану саҳеҳ аст " омадааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Камоли насиҳати Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои умматаш ва аз ҷумла ин се васияти бузурги ҷомиъе, ки ин ҳадис бар он шомил шудааст.

2- Дар ҳамаи ҳолатҳо, маконҳо ва замонҳо ба тарси Аллоҳ амр кардан.

3- Ташвиқ намудан бар ин ки баъди бадиҳо некӣ кардан.

4- Албатта некиҳо бадиҳоро тоза мекунад.

5- Ташвиқ намудан бар ин ки бо мардум рафтори хуб кардан.

Аллоҳ ба ҳамаи мо рафтори накуро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ НУЗДАҲУМ

Аз Абӯлаббос Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу таъоло анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе дар паси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам (савор) будам, пас барои ман гуфт:**"Эй ҷавон! Албатта Ман туро чанд калимае ёд медиҳам, Аллоҳро ҳифз кун, Аллоҳ туро ҳифз мекунад. Аллоҳро ҳифз кун, Ӯро дар наздат меёбӣ. Ҳаргоҳ пурсидӣ, пас аз Аллоҳ бипурс ва ҳаргоҳ ёрӣ талабидӣ, пас аз Аллоҳ ёрӣ талаб кун! Ва бидон, албатта (ҳамаи) уммат агар ҷамъ шаванд бар ин ки туро фоида расонанд, ба ту фоида дода наметавонанд, магар ба чизе, ки Аллоҳ барои ту навистааст ва агар ҷамъ шаванд, ки туро ба чизе зарар расонанд, туро зарар расонда наметавонанд, магар ба чизе ки Аллоҳ бар ту нависта аст. Қаламҳо бардошта шуданд ва саҳифаҳо хушк шуданд"**.

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда гуфт: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст.

Ва дар ривояти ғайри Тирмизӣ омадааст: "Аллоҳро ҳифз кун, Ӯро дар наздат меёбӣ, Аллоҳро дар ҳолати фаровонӣ бишнос, туро дар ҳолати сахтӣ мешиносад. Ва бидон, он чизе ки туро хато кард, ба ту намерасид ва он чизе ки ба ту расид, туро хато намекард ва бидон, ки нусрат ҳамроҳи сабр аст ва албатта кушоиш ҳамроҳи машаққат аст ва албатта ҳамроҳи душворӣ осонӣ аст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта касе ки ҳудуди Аллоҳро ҳифз мекунад, Аллоҳ ӯро дар дину дунёаш ҳифз мекунад.

2- Албатта касе ки ҳудуди Аллоҳро зоеъ мекунад, барои ӯ аз ҷониби Аллоҳ ҳифз ҳосил намешавад, ҳамчуноне ки фармуд:

"Аллоҳро фаромуш карданд, пас Аллоҳ (низ) онҳоро фаромуш кард ". Сураи Тавба: 67.

3- Албатта ҷазо аз ҷинси амал аст, пас амал ҳифз аст ва ҷазо (низ) ҳифз аст.

4- Албатта банда ба ибодату ёрӣ ҷустан Парвардигорашро хос мегардонад.

5- Ба тақдир имон овардан.

6- Албатта бандаҳо фоида ва зарар намерасонанд, магар ҳаргоҳ ки фоидаву зарар аз ҷониби Аллоҳ тақдиршуда бошанд.

7- Албатта барои ягон нафар фоида ҳосил намешавад, магар ҳаргоҳ ки тақдиршуда бошад ва аз ӯ зараре дур намешавад, магар ҳаргоҳ ки тақдиршуда бошад, (Аллоҳ) он чизеро хоҳад мешавад ва он чизеро нахоҳад намешавад.

8- Албатта аз паи сабр нусрат аст.

9- Албатта аз паи душворӣ кушоиш аст.

10- Албатта аз паи душворӣ осонӣ меояд.

11- Хоксорӣ ва меҳрубонии Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо хӯрдсолон.

12- Пеш аз гуфтани амри муҳим зикр кардани он чизе ки нафсҳоро ба шавқ меорад, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Оё туро чанд калимае ёд надиҳам ".

Аз Аллоҳ талаб менамоем, ки ҳифзи шариаташро барои мо насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ БИСТУМ

Аз Абӯмасъуд Уқба ибни Амри Ансории Бадрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Он чи мардум аз сухани паёмбарони пешин дарёфтанд: Ҳаргоҳ шарму ҳаё надошта бошӣ, ҳарчи хостӣ бикун"**. (Ривояти Бухорӣ)

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта ахлоқи ҳаё аз ахлоқҳои некест, ки аз паёмбарони пешин мондааст.

2- Бар ҳаё ташвиқ кардан ва ишора бар фазли он.

3- Албатта беҳаёи соҳибашро дар ҳамаи бадӣ воқеъ месозад.

## ҲАДИСИ БИСТУ ЯКУМ

Аз Абӯамр ва гуфта шуд Абӯамра Суфён ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Эй Расулуллоҳ, барои ман дар Ислом сухане бигӯ, ки аз он касеро напурсам ?! Фармуд: **"Бигӯ ба Аллоҳ имон овардам, сипас мустақим шав"**.

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳоба бар савол додан аз амрҳои дин.

2- Нек савол додани Суфён ибни Абдуллоҳ бар камоли ақли ӯ ва хоҳишманд будани ӯ дар васияти ҷомеъ далолат мекунад.

3- Ба Аллоҳ ва ба он чизе ки дар китобаш ва дар суннати Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, имон овардан.

4- Бар ҳақ ва ҳидоят, то расидани аҷал истиқоматро лозим гирифтан.

## ҲАДИСИ БИСТУ ДУВВУМ

Аз Абӯабдуллоҳ Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки марде аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсида гуфт:"Бубин агар намозҳои фарзро бихонам ва моҳи Рамазонро рӯза дорам ва ҳалолро ҳалол бидонам ва ҳаромро ҳаром бидонам ва бар инҳо чизе наафзоям, Ҷаннат медароям? Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**Оре** ".

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Ва маънои "ҳаромро ҳаром бидонам "- аз ҳаром дӯрӣ ҷӯям ". Ва маънои "ҳалолро ҳалол бидонам "- ҳалолро дар ҳоле ки ҳалол медонам, анҷом диҳам.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳоба ба донистани амалҳое, ки дохили Ҷаннат мегардонад.

2- Албатта амалҳо сабаби дохил шудани Ҷаннат мешавад.

3- Баёни аҳамияти намозҳои панҷвақта ва ба таҳқиқ дар ҳадис омадааст, ки онҳо сутуни Ислом мебошанд.

4- Баёни аҳамияти рӯзаи моҳи Рамазон.

5- Албатта мусалмон ҳалолро дар ҳоле ки ҳалол эътиқод мекунад, анҷом медиҳад ва аз ҳаром дӯр мешавад, дар ҳоле ки ҳаромаш эътиқод мекунад.

6- Баёни ботил будани сухани баъзе суфиҳо ки гумон мекунанд, ки инсон Аллоҳро аз рӯи рағбат доштан дар Ҷаннат ва тарсӣ аз оташ ибодат намекунад ва албатта Аллоҳ аз халилаш хабар дода мефармояд: "Ва маро аз ворисони Биҳишти пурнеъмат бигардон ". (Сураи Шуро: 85)

## ҲАДИСИ БИСТУ СЕЮМ

Аз Абӯмолик Ҳорис ибни Осими Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Таҳорат ва покизагӣ нисфи имон аст ва алҳамду лиллоҳ тарозуро пур мекунад ва субҳоналлоҳ ва алҳамду лиллоҳ миёни осмон ва заминро пур мекунанд, ё пур мекунад ва намоз нур ва садақа ҳуҷҷат ва сабр рушноӣ аст. Ва Қуръон ҳуҷҷат барои туст, ё бар зарари туст. Ҳамаи мардум субҳ мебароянд, пас худро (ба Аллоҳ) фурухта озод мекунанд, ё ҳалок мекунанд "**.

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни фазли таҳорат.

2- Баёни фазли алҳамду лиллоҳ ва субҳоналлоҳ.

3- Исботи тарозу ва баркашидани амалҳо.

4- Фазли намоз ва ин ки он дар дунёву охират нур мебошад.

5- Фазли садақа ва ин ки он аломат бар имони соҳибаш мебошад.

6- Фазли сабр ва ин ки он барои сабркунандагон рушноӣ аст.

7- Ташвиқ намудан бар Қуръон аз рӯи омӯхтан, андешидан ва амал кардан аҳамият додан, то барои инсон ҳуҷҷат бошад.

8- Аз халал расондан дар он ҳаққе, ки барои Қуръон воҷиб мешавад, ҳазар кунондан, то ки ҳуҷҷат бар зарари инсон нагардад.

9- Ба ҳамаи амали неке ки инсон худашро ба сабаби он аз хории дунё ва азоби охират озод мекунад, ташвиқ намудан.

10- Аз ҳамаи амали баде, ки соҳибашро аз авлиёи шайтон қарор медиҳад ва ӯро ба оташи Дӯзах мерасонад, ҳазар кунонидан.

Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки Қуръонро барои мо ҳуҷҷат қарор диҳад, на бар зарари мо, омин.

## ҲАДИСИ БИСТУ ЧОРУМ

Аз Абӯзари Ғифорӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадисе, ки аз Парвардигораш азза ва ҷалла ривоят мекунад, ки фармуд:"**Эй бандагони Ман! Ман зулмро бар худам ҳаром намудам ва онро дар миёни шумо ҳаром гардондам, пас ба ҳамдигар зулм накунед. Эй бандагони Ман, ҳамаи шумо гумроҳ ҳастед, магар касе ки Ман ӯро ҳидоят намудаам, пас аз Ман роҳи ростро бихоҳед, то шуморо ба он роҳнамоӣ кунам! Эй бандагони Ман, ҳамаи шумо гуруснаед, магар касе, ки Ман ӯро таом додаам, пас аз Ман таом бихоҳед, то шуморо таом диҳам! Эй бандагони Ман, ҳамаи шумо бараҳнаед, магар касе, ки Ман ӯро пушондаам, пас аз Ман либос бихоҳед, то шуморо бипушонам! Эй бандагони Ман, дар ҳақиқат ҳамаи шумо шабу рӯз хато мекунед ва Ман гуноҳонро меомурзам, пас аз Ман омурзиш бихоҳед, то шуморо биёмурзам! Эй бандагони Ман, шумо ҳаргиз наметавонед ба Ман зиён бирасонед ва ҳаргиз наметавонед ба Ман фоида бирасонед. Эй бандагони Ман, агар аз аввалини шумо то охирони шумо ва инсу ҷинни шумо, ҳама бар парҳезгортарини қалб бошед, монанди ин ки як ба яки шумо парҳезгор бошед, ин парҳезгории шумо дар мулки Ман чизе зиёд намекунад. Эй бандагони Ман, агар аввалу охиратон ва инсу ҷинни шумо ҳама бар бадтарини қалб бошед, ин бадии шумо, аз мулки Ман чизе кам намекунад. Эй бандагони Ман, агар аввалин то охиринатон ва инсу ҷинни шумо, ҳама дар майдоне истода, пас аз Ман (ҳоҷатҳояшонро) бипурсанд ва Ман ба ҳар яки шумо он чи хоҳад бидиҳам. Ин хоҳиш аз он чи дар назди Ман аст кам намекунад, магар чуноне кам мекунад, ки сузан ҳаргоҳ дар баҳр дохил карда шавад. Эй бандагони Ман, ин ҳамон амалҳои шумост, ки барои шумо**

**мешуморам, сипас ба шумо ба вафову тамом мерасонам. Пас касе ки хайрро ёфт, бояд Аллоҳро ситоиш кунад ва касе ки ғайри инро ёфт, пас маломату сарзаниш накунад магар худашро (пас ба ҷуз худаш касеро маломат накунад) "**.

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта баъзе ҳадисҳост, ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро аз Парвардигораш ривоят мекунад. Замирҳои сухангӯяндаро дар бар мегирад, ки ба сӯи Аллоҳ боз мегардад ва ин ҳадисро ҳадиси қудсӣ гуфта мешавад.

2- Ҳаром гардондани Аллоҳ зулмро бар худаш ва пок будани Ӯ аз зулм, бо исбот кардани камоли зидди он ва он адл аст.

3- Ҳаром гардондани Аллоҳ зулмро бар бандагон барои нафсҳои худашон ва барои дигарон.

4- Сахт муҳтоҷ будани бандагон ба пурсидани Парвардигорашон ҳидоят, таом, либоса ва ғайра аз корҳои дину дунёашон.

5- Албатта Аллоҳ аз бандагонаш дӯст медорад, ки ҳамаи чизе ки ба он эҳтиёҷ доран аз корҳои дунёӣ ва дин Ӯро бипурсанд.

6- Комил будани мулки Аллоҳ азза ва ҷалла ва ин ки бандагон Ӯро фоидаву зарар намерасонанд, балки фоидаву занарашон ба худашон боз мегардад.

7- Албатта бандагон аз хато саломат намемонанд ва албатта бар онҳо тавбаю талаби мағфират кардан аз ин хато лозим меояд.

8- Албатта тақвову фуҷур дар дилҳо мебошанд, аз рӯи фармудаи Ӯ: "Бар парҳезгортарини дили мард " ва "бар бадкортарини дили мард ".

9- Албатта мулки Аллоҳро тоати итоаткунандагон зиёд намекунад ва на маъсияти осиён кам мекунад.

10- Камоли ғинои Аллоҳ ва камоли мулки Ӯ ва ин ки Ӯ агар аввалину охирини бандагонашро ҳамаи он чизеро, ки пурсидаанд ато намояд, аз мулку хазинаҳои Аллоҳ азза ва ҷалла чизе кам намешавад.

11- Ташвиқу тарғиб кардани бандагон бар тоат ва ҳазар кунонидани онон аз маъсият ва ин ки ҳамаи ин бар онҳо шуморида шудааст.

12- Албатта касеро, ки Аллоҳ барои роҳи нек муваффақ гардонад, ба саодати дунёву охират зафар меёбад ва барои дар роҳи ҳидоят рафтан ва бар он савоб ҳосил кардан фазли Аллоҳ аст.

13- Албатта касе ки кутоҳӣ кард ва амали бад кард, зиёну зарар мебинад ва пушаймон мешавад вақте ки пушаймонӣ фоида надорад.

## ҲАДИСИ БИСТУ ПАНҶУМ

Аз Абӯзар разияллоҳу анҳу низ ривоят аст, ки баъзе ёрони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: "Сарватмандон ба аҷрҳо рафтанд, намоз мегузоранд чуноне ки мо намоз мегузорем ва рӯза медоранд чуноне ки мо рӯза медорем ва аз зиёдатии молҳояшон садақа медиҳанд. Фармуд:**"Оё чунин нест, ки Аллоҳ (савоби) он чиро ки садақа намоед барои шумо қарор дода аст? Албатта ба ҳар субҳоналлоҳ садақа доред ва ба ҳар Аллоҳу акбар садақа доред ва ба ҳар алҳамду лиллоҳ садақа доред ва ба ҳар ло илоҳа иллаллоҳ садақа доред ва амри ба маъруф садақа аст ва наҳй аз мункар садақа аст. Ва дар наздикии яке аз шумо бо ҳамсараш садақа аст. Саҳобагон гуфтанд: Эй Расулуллоҳ! Оё вақте яке аз мо шаҳваташро ба ҷо меорад, барои ӯ дар ин кор аҷр аст? Фармуд: Ба ман хабар диҳед, агар шаҳвати худро дар ҳаром мегузошт, оё бар он гуноҳ набуд? Пас инчунин агар шаҳваташро дар ҳалол бигузорад барои ӯ аҷр аст "**. Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳобагон бар феъли амалҳои нек ва дар хайрот пешдастӣ карданашон.

2- Албатта садақа танҳо ба мол нест ва агарчи мол дар садақа додан асос мебошад.

3- Бар тасбеҳ (субҳоналлоҳ) , такбир (Аллоҳу акбар) , таҳмид (алҳамду лиллоҳ) ва таҳлил (ло илоҳа иллаллоҳ) тарғиб кардан ва ин ки ин садақаи мусалмон бар худаш аст.

4- Албатта касе ки аз феъли баъзе тоатҳо барои қудрат надоштанаш оҷиз ояд, пас албатта ӯ бар тоатҳое ки қудрат дорад, зиёд намояд.

5- Бар амри маъруф ва наҳй аз мункар тарғиб кардан ва албатта он аз мусалмон бар худаш ва дигарон садақа аст.

6- Баровардани инсон шаҳваташро ба нияти нек, бар худаш ва бар ғайраш садақа мебошад.

7- Муроҷиати олим дар он чизе ки гуфтааст барои итминон ва дилпурӣ дар он.

8- Исботи қиёс, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ташбеҳ кард, собит шудани аҷрро барои касе ки шаҳваташро дар ҳалол мегузорад ба ҳосил шудани гуноҳ барои касе ки онро дар ҳаром мегузорад. Ва қиёсе ки дар ин ҳадис аст аз қабили қиёси акс мебошад.

## ҲАДИСИ БИСТУ ШАШУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Бар ҳар пайванди бадани мардум садақа аст, ҳар рӯзе, ки дар он офтоб мерояд, дар миёни ду нафар сулҳ андохтан садақа аст ва вақте ба марде кӯмак мекунӣ, то ба чаҳорпояш савор шавад, ё борашро бар он бигузорад садақа аст ва гуфтори хуб садақа аст ва ҳар қадаме, ки ба сӯи намоз мегузорӣ садақа аст ва дур кардани озор аз роҳ садақа аст "**.

Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта бар ҳар пайванди инсон ҳар рӯз садақа аст, хоҳ фоидааш ба дигарон нарасад, ё расад.

2- Бар ислоҳи байни ду нафари ҷанҷолӣ ба адл тарғиб кардан.

3- Ташвиқ кардани мусалмон бар ёрдами дигарон ба он чизе, ки эҳтиёҷ дорад, монанди савор кардани ӯ бар чаҳорпояш, ё бор кардани матоаш.

4- Дар ҳамаи сухани нек тарғиб кардан, яъне аз зикр, қироат, таълим, даъват ва ғайри ин.

5- Фазилати ба сӯи масҷидҳо рафтан ва ба таҳқиқ дар ҳадиси дигар омадааст, ки барои дар рафтану омаданаш аҷру савоб нависта мешавад. Инро Муслим таҳти рақами (663) ривоят кардааст.

6- Фазилати дур кардани озор аз роҳ ва ба таҳқиқ дар ҳадиси дигар омадааст, ки ин аз шохаҳои имон аст. Инро Муслим таҳти рақами (58) ривоят кардааст.

## ҲАДИСИ БИСТУ ҲАФТУМ

Аз Навос ибни Самъон разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:**"Некӯкорӣ ахлоқи хуб аст ва гуноҳ нороҳатиест, ки дар дил пайдо мешавад ва бад мебинӣ, ки мардум аз он огоҳ шаванд"**.

Инро Муслим ривоят кардааст.

Ва аз Вобиса ибни Маъбад разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Пеши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадам, пас фармуд:**Омадаӣ, ки аз некӯкорӣ ва гуноҳ бипурсӣ? Гуфтам: Оре. Фармуд: Аз дилат бипурс, некӯкорӣ чизест, ки рӯҳу дил ба он ором шавад ва гуноҳ чизест, ки дар нафс нороҳатӣ эҷод кунад ва дар сина (қалб) шак эҷод намояд ва агарчи мардум туро фатво диҳанд ва (бор- бор) туро фатво диҳанд"**.

Ҳадиси ҳасан аст. Онро дар Муснадҳои ду имом Аҳмад ибни Ҳанбал ва Доримӣ ба исноди ҳасан ривоят кардем.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни бузургии шаъни хушрафторӣ.

2- Албатта некӯӣ ва гуноҳ аз калимаҳои ҷомеъ аст.

3- Албатта мусалмон дар корҳои динаш бар анҷоми он чизе ки ҳалолияш возеҳ асту шубҳанок нест, иқдом менамояд.

4- Албатта мӯъмине, ки аз Аллоҳ метарсад, ба чизе ки қалбаш ором намегирад, амал намекунад ва агарчи ба он фатво дода шавад, модоме ки дар шариат амри возеҳ набошад, монанди рухсатҳо.

5- Ҳарис будани саҳоба разияллоҳу анҳум бар донистани ҳалолу ҳаром ва некӯкорию гуноҳ (бадкирдорӣ) .

## ҲАДИСИ БИСТУ ҲАШТУМ

Аз Абӯнуҷайҳ Ирбоз ибни Сория разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро мавъиза намуд, мавъизае, ки дилҳо аз он тарсид ва аз чашмҳо ашк омад, пас гуфтем: Эй Расулуллоҳ, гӯё, ки панду мавъизаи видоъкунанда аст, пас мор о васият кун! Фармуд:**"Шуморо ба тарси аз Аллоҳ азза ва ҷалла ва фармонбардорӣ (аз амирон) васият мекунам, агарчи бардае бар шумо амир шавад. Пас албатта касе аз шумо зиндагӣ кунад, пас ихтилофи бисёреро мебинад. Пас бар шумо чанг задан бар суннати Ман ва суннати халифаҳои рошид, ки ҳидоятёфтаанд лозим аст, ин дастурро бо дандонҳои курсиятон бигиред ва аз корҳои пайдошуда дӯрӣ ҷуед, пас албатта ҳар як навпайдо гумроҳӣ аст"**.

Ин ҳадисро Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят кардаанд ва Тирмизӣ гуфт: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Мустаҳаб будани мавъиза ва ёдоварӣ дар баъзе вақтҳо, зеро дар он таъсир дар дилҳост.

2- Ҳарис будани саҳобагон разияллоҳу анҳум бар хайр, барои талабидани онҳо васиятро аз Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

3- Албатта муҳимтарин чизе ки ба он васият карда мешавад тақвои Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад ва он тоати Ӯ ба иҷрои дастураш ва парҳез кардан аз наҳйяш мебошад.

4- Албатта аз муҳимтарин чизе ки ба он васият карда мешавад фармонбардории роҳбарон аст, зеро дар он фоидаҳои дунявӣ ва ухравӣ барои мусалмонон мебошад.

5-Дар ташвиқ намудан бар фармонбардорӣ муболаға намудан ва агарчи амир барда ҳам бошад.

6- Хабар додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз вуҷуди ихтилофи бисёр дар умматаш, сипас воқеъ шудани он ҳамчуноне ки хабар дода аст, аз далелҳои паёмбарии Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.

7- Албатта роҳи саломат мондан дар назди ихтилофи дар дин, лозим гирифтани суннати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва суннати халифаҳои рошид мебошад.

8- Баёни фазилати халифаҳои рошид ва онон Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ разияллоҳу анҳум мебошанд ва албатта онон рошиду ҳидоятёфтаанд.

9- Аз ҳамаи он чизе ки дар дин пайдо шудаасту беасос аст ҳазар кунонидан.

10- Албатта ҳамаи бидъатҳо залолату гумроҳӣ аст, пас чизе аз он бидъатҳо некӯ нест.

11- Байни тарғибу тарҳиб ҷамъ кардан, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар тарғиб: "пас бар шумо лозим аст " ва дар тарҳиб: "ва дӯрӣ ҷуед ".

12- Баёни аҳамияти васият кардан ба тақвои Аллоҳ ва фармонбардории роҳбарон ва пайравии суннатҳо ва тарки бидъатҳо, барои васият кардани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам саҳобагонашро ба он баъди гуфтааш аз мавъизааш: "Гӯё, ки мавъизаи видоъкунанда аст, пас моро васият кун ".

## ҲАДИСИ БИСТУ НУҲУМ

Аз Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфтам: Эй Расулуллоҳ! Моро аз коре хабар деҳ, ки моро ба Ҷаннат дохил намояд ва аз Дӯзах дур гардонад. Фармуд:**"Дар ҳақиқат аз чизи бузурге пурсидӣ ва албатта он осон аст барои касе ки Аллоҳ барои ӯ онро осон кунад. Аллоҳро ибодат мекунӣ ва ба Ӯ чизеро шарик намегардонӣ ва намозро барпо дорӣ ва закот бидиҳӣ, рӯзаи моҳи рамазонро бигирӣ ва ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ биравӣ,**

**сипас фармуд: Оё туро аз ҳамаи дарҳои хайр огоҳ насозам? Рӯза сипар аст ва садақа гуноҳро хомуш месозад, ҳамчуноне ки об оташро хомуш месозад ва намози мард дар миёнаи шаб, сипас ин оятро тиловат намуд: "Паҳлуҳояшон аз бистарҳояшон дӯр мешавад " то ин ки ба "амал мекунанд " расид. Пас фармуд: Оё туро ба сари кор ва сутуни он ва қуллаи баландтарин и он огоҳ накунам? Гуфтам: Бале, эй Расулуллоҳ! Фармуд: Сари кор Ислом аст ва сутуни Ислом намоз ва қуллаи баландтарини он ҷиҳод аст. Сипас фармуд: Оё туро аз сариштаи ҳамаи инҳо хабар диҳам? Гуфтам: Бале, эй Расулуллоҳ! Пас забони худро гирифта фармуд: "Инро нигаҳ дор! Гуфтам: Эй Паёмбари Аллоҳ, оё мо ба он чи мегуем, ҷавобгар мешавем?! Пас фармуд: "Модарат бар ту гиря кунад! Оё мардум-ро бар рӯйҳояшон, ё фармуд: Бар биниҳоя-шон дар оташ меандо-зад, магар даравкардаи забонҳояшон? "**.

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда гуфтааст: "Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳобагон разияллоҳу анҳум бар хайр ва маърифати он чизе ки ба Ҷаннат мерасонад ва аз оташи Дӯзах дӯр месозад.

2- Албатта Ҷаннату Дӯзах вуҷуд доранд ва онҳо боқиянду фонӣ намешаванд.

3- Албатта дар ибодати Аллоҳ даромадани Ҷаннат ва саломат мондан аз оташро умед карда мешавад ва на ҳамчунонест, ки баъзе суфиҳо мегӯянд:Албатта Аллоҳ аз рӯи рағбати ҷаннаташ парастида намешавад ва на аз тарси дӯзахаш.

4- Баёни аҳамияти амале, ки аз он пурсида шуд ва ин ки он бузург аст.

5- Албатта роҳи ба наҷот расонанда душвор аст ва рафтан ба он ба осон гардондани Аллоҳ ба даст меояд.

6- Албатта муҳимтарин чизе ки ба он инсу ҷин таклиф шудааст, ибодати Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад ва ба таҳқиқ китобҳо нозил карда шуд ва расулон барои он фиристода шуданд.

7- Албатта ибодати Аллоҳ эътибор надорад, магар вақте ки бар асоси ду шаҳодат бино шуда бошад. Ва он ду лозими якдигаранд. Ва амал қабул намешавад, магар вақте ки холис барои Аллоҳ ва мувофиқи овардаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад.

8- Баёни бузургии шаъни аркони Ислом, ҳайсияте ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Муоз разияллоҳу анҳуро аз байни фарзҳое ки Аллоҳ онҳоро фарз гардондааст, далолат намуд.

9- Албатта ин фарзҳо дар аҳамияташон мувофиқи тартиби онҳо дар ин ҳадис тартиб дода шудааст.

10- Бар иҷрои нафлҳо бо иҷрои фарзҳо ташвиқ намудан.

11- Албатта аз муҳимтарин чизҳое, ки ба он ба Аллоҳ наздики ҷуста мешавад баъди иҷрои фарзҳо садақа, рӯза ва қиёми шаб мебошад.

12- Баёни бузургии шаъни намоз ва ин ки он сутуни Ислом аст.

13- Баёни фазли ҷиҳод ва ин ки он қуллаи баландтарини Ислом аст.

14- Баёни хатари забон ва ин ки он ба ҷойҳои ҳалокатовар мебарад ва дар оташи Дӯзах воқеъ мекунонад.

## ҲАДИСИ СИЮМ

Аз Абӯсаълабаи Хушанӣ Ҷурсум ибни Ношир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Албатта Аллоҳ таъоло фарзҳоеро фарз гардондааст, пас онҳоро зоеъ насозед ва ҳудуде гузоштааст, пас аз онҳо нагузаред ва чизҳоеро ҳаром гардондааст, пас онҳоро поймол накунед ва аз чизҳое сукут кардааст, аз рӯи раҳмат барои шумо на аз рӯи фаромушӣ, пас онҳоро ҷустуҷӯ накунед"**.

Ин ҳадисро Дору Қутнӣ ва дигарон ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Албатта баъзе аз шариати Аллоҳ он чизест, ки иҷрои он фарзи лозимӣ аст ва зоеъ накардани он воҷиб мебошад.

2- Албатта дар назди воҷибҳо, мустаҳабҳо ва мубоҳҳо истодан воҷиб мебошад, пас ба сӯи ҳаромҳо гузашта намешавад.

3- Албатта ҳамаи он чизеро, ки Аллоҳ ҳаром гардондааст бар мусалмон тарку дӯрӣ аз он таъйин мешавад.

4- Албатта дар чизе ки ҳукми ҳарому ҳалол наомадааст, пас он авф аст, аз он пурсида намешавад.

## ҲАДИСИ СИВУЯКУМ

Аз Абӯлаббос Саҳл ибни Саъди Саъидӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Марде ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй Расулуллоҳ! Маро бар амале роҳнамои кун, ҳаргоҳ онро анҷом диҳам, маро Аллоҳ ва мардум дӯст доранд, пас фармуд:**"Дар дунё зуҳд кун, Аллоҳ туро дӯст медорад ва аз он чизе ки дар дасти мардум аст, зуҳд кун, мардум туро дӯст медоранд".** Ҳадиси ҳасан аст. Инро ибни Моҷа ва дигарон ба санадҳои нек ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳарис будани саҳоба ба он чизе, ки муҳаббати Аллоҳ ва мардумро ҷалб менамояд.

2- Исботи сифати муҳаббат барои Аллоҳ азза ва ҷалла.

3- Албатта барои банда хайр ин аст, ки Аллоҳ ӯро дӯст дорад.

4- Албатта он чизе ки муҳаббати Аллоҳро ҷалб мекунад, зуҳди дар дунёст.

5- Албатта зуҳди инсон аз он чизе ки дар дастони мардум аст, сабаб мешавад, ки мардум ӯро дӯст медоранд, пас хайри ононро ба даст меорад ва аз шарри онон саломат мемонад.

Зӯҳд- парҳезгорӣ, порсоӣ, худотарсӣ, қаноатпешагӣ, рӯй гардонидан аз чизе барои ҳақир (ночиз) шумурдани он.

Аллоҳ зӯҳдро барои мо насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ СИВУДУЮМ

Аз Абӯсаъид Саъд ибни Молик ибни Синони Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Зарар ва зирор нест"**.

Ҳадиси ҳасан аст, ин ҳадисро ибни Моҷа ва Дору Қутнӣ ва дигарон ба санад ривоят кардаанд. Ва Молик дар Муватаа ба

таври мурсал аз Амр ибни Яҳё аз падараш аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят карда, пас Абӯсаъидро зикр накардааст ва барои ин ҳадис чанд тариқ аст, ки якдигарро қувват медиҳанд.

Гуфта шуд:Зарар ин аст, ки ба шахсе, ки ба ӯ зарар намерасонад, зарар расонад. Ва зирор он аст, ки ба шахсе ки ба ӯ ба тариқаи номашрӯъ зарар додааст, зарар расонад.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Баёни камоли шариат ва ҳусни он дар бардоштани зарар ва зарар расондан.

2- Албатта бар мусалмон лозим аст, ки бар ғайраш зарар ва ранҷу зиён нарасонад.

## ҲАДИСИ СИВУСЕЮМ

Аз ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Агар мардумро ба даъвояшон дода мешуд, ҳароина мардоне молҳо ва хунҳои қавмеро иддио мекарданд, локин бар даъвогар ҳуҷҷату далел овардан лозим аст ва бар инкоркунанда савганд хӯрдан лозим аст "**. Ҳадиси ҳасан аст. Инро Байҳақӣ ва дигарон инчунин ривоят кардаанд ва баъзеи он дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Дар бар гирифтани шариат ҳифзи молҳо ва хунҳои мардумро.

2- Баён намудани Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам роҳҳоеро, ки байни хусуматчиён қазоват мекунад.

3- Ҳаргоҳ даъвошуда бар алайҳи ӯ иқрор накунад, пас албатта бар даъвогар барпо кардани далелу ҳуҷҷат бар даъвояш лозим мешавад.

4- Ҳаргоҳ даъвогар далелу ҳуҷҷат наорад, бар алайҳи ӯ даъвошуда қасам дода мешавад ва (агар қасам хӯрд) беайб диниста мешавад ва агар қасам ёд накунад бар алайҳи ӯ ба уқубату ҷазо ҳукм карда мешавад.

Аллоҳ моро ба роҳи рост ҳидоят намояд, омин.

## ҲАДИСИ СИВУЧОРУМ

Аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки фармуд: **"Касе аз шумо кори мункарро дид, пас онро ба дасташ тағйир диҳад, пас агар ба даст тағйир дода натавонад, пас ба забонаш тағйир диҳад, пас агар ба забонаш тағйир дода натавонад, пас ба қалбаш тағйир диҳад ва ин (яъне ба қалб тағйир додан) заифтарини имон аст "**. Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

### ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Воҷиб будани амри ба маъруф ва наҳй аз мункар ва албатта дар он салоҳи бандагону шаҳрҳост.

2- Албатта тағйир додани мункар дараҷаҳо дорад. Касе бар чизе аз он қудрат дошта бошад, он дараҷа бар ӯ таъйин мешавад.

3- Тафовуту гуногунӣ дар имон ва албатта баъзеи он боқувват, заиф ва заифтар мебошад.

Аллоҳ ба мо имони комилро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ СИВУПАНҶУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Ба якдигар ҳасад накунед ва нархро бар якдигар набардоред (дар ҳоле ки намехаред) ва ба якдигар буғзу кина нагиред ва ба ҳамдигар пушт нагардонед ва бар болои савдои дигаре савдо накунед ва бандагони Аллоҳ бародари ҳамдигар бошед. Мусалмон бародари мусалмон аст, ба ӯ зулм намекунад ва ӯро хор намекунад ва ба ӯ дурӯғ намегӯяд ва ӯро таҳқир намекунад. Тақво ва парҳезгорӣ инҷост ва ба синааш се бор ишора намуд. Барои инсон аз бадӣ ҳамин басандааст, ки бародари мусалмони худро ҳақиру паст шуморад. Хун, мол ва шарафу номуси ҳар мусалмон бар мусалмони дигар ҳаром аст ".** Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

### ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Ҳаром будани ҳасад бурдан ба якдигар, нархро бар якдигар бардоштан ва бар хариду фурӯши бародараш хариду фурӯш

кардан ва инчунин ҳар чизе ки дар миёни мусалмонон душманию бадбиниро ҷалб менамояд, ҳаром аст.

2- Манъ намудан аз анҷоми сабабҳои бадбинӣ ва инчунин ҳар он чизе ки бар асоси он дар миёни мусалмонон тарк кардани якдигар мешавад, манъ намудан.

3- Ҳамаи мусалмононро бар ин ки бародароне ки бо ҳамдигар дӯсту улфат дошта бошанд, ташвиқ намудан.

4- Албатта бародарӣ дар миёни мусалмонон расондани хайрро ба онон ва аз онҳо зарарро дур карданро талаб менамояд.

5- Бар мусалмон барои бародараш зулм кардани ӯ, хор кардани ӯ, таҳқири ӯ ва бар ӯ дурӯғ гуфтан ҳаром аст.

6- Баёни хатарнок будани таҳқир кардани мусалмон бародарашро ва албатта ин аз рӯи бадӣ барои таҳқиркунанда басанда аст ва агарчи ӯ ба бадии дигаре ҳам даст назада бошад.

7- Албатта тарозу дар беҳтар будан дар миёни мардум тақво аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд: "Албатта боикромтарини шумо дар назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост ". (Сураи Ҳуҷурот: 13).

8- Албатта ҷои тақво қалб аст, ҳамчуноне ки дар ин ҳадис аст ва ҳамчуноне ки дар фармудаи Ӯ таъолост: "(Ҳукм) ин аст ва касе ки шаоири Аллоҳро бузург дорад, пас албатта ин (кор) аз парҳезгории дилҳост ". (Сураи Ҳаҷ: 32).

9- Албатта тақво дар дилҳост, осори он бар ҷавориҳ (аъзои бадан) зоҳир мешавад ва ба салоҳи дилҳо боқии ҷасад ба салоҳ меояд.

10- Бар мусалмонон дар хунҳояшон, молҳояшон ва номусашон таҷовуз кардан ҳаром мебошад.

Аллоҳ ба мо тақворо насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ СИВУШАШУМ

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Касе аз мӯъмине як сахтие аз сахтиҳои дунёро бартараф кунад, Аллоҳ аз ӯ сахтие аз сахтиҳои рӯзи қиёматро бартараф мекунад. Ва касе бар фақире осон бигирад, Аллоҳ дар дунёву охират бар ӯ осон хоҳад гирифт. Ва касе айби мусалмонеро пӯшонад, Аллоҳ айби ӯро дар дунёву охират мепӯшонад. Ва Аллоҳ дар ёрии банда аст, модоме ки банда дар ёрии бародараш аст. Ва касе роҳеро пеш гирад, ки дар он роҳ талаби илм мекунад, Аллоҳ роҳи Биҳиштро бар ӯ осон гардонад. Ва ҳаргоҳ гурӯҳе аз мардум дар хонае аз хонаҳои Аллоҳ (масҷидҳо) ҷамъ оянд, (то) китоби Аллоҳ (Қуръон)-ро тиловат намоянд ва дарсҳои онро бо ҳам биомӯзанд, магар ки бар онҳо оромиш фуруд ояд ва онҳоро раҳмат фаро гирад ва фариштагон онҳоро дар бар гиранд ва Аллоҳ онҳоро ба касоне, ки дар назди Ӯ ҳастанд, ёд кунад. Ва касеро, ки амалаш ба таъхир андохт, насабаш ӯро ба пеш намебарад"**. Ин ҳадисро имом Муслим раҳимаҳуллоҳ ба ин лафз ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Тарғиб кардан дар дур кардани сахтиҳо дар дунё ва ин ки Аллоҳ таъоло ба сабаби он сахтиҳои рӯзи қиёматро дур мекунад.

2- Албатта ҷазову подош аз ҷинси амал аст, пас амал дур кардани сахтӣ аст ва ҷазо ҳам дур кардани сахтӣ аст.

3- Тарғиб кардан дар осон гирифтан бар фақирон ва албатта ҷазои он осон гирифтан дар дунё ва охират аст.

4- Дар пӯшондани айбҳо тарғиб намудан, замоне ки дар пӯшондани он маслиҳат бошад ва албатта ҷазои он пӯшондани айб дар дунё ва охират аст.

5- Ташвиқ намудан бар ёрӣ додани мусалмон бар бародари мусалмонаш ва албатта ҳаргоҳе ки бародарони мусалмонашро ёрӣ диҳад, пас албатта ӯ ба ин сабаб ёрию устуворгардонии Аллоҳро ба даст меорад.

6- Баёни фазли талаби илми шаръӣ.

7- Фазли ҷамъ омадан дар масҷидҳо барои тиловату омӯхтани Қуръон.

8- Албатта имон ва амали солиҳ сабаби даромадани Ҷаннат ва расидан ба дараҷаҳои олӣ дар назди Аллоҳ азза ва ҷалла мешавад.

9- Албатта обӯрӯю шарафи насаб беамали солиҳ дар назди Аллоҳ соҳибашро фоида намедиҳад.

Аллоҳ таъоло ба мо илми боамалро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ СИВУҲАФТУМ

Аз ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст он чизе ки аз Парвардигораш таборак ва таъоло ривоят мекунад, ки Аллоҳ фармуд:**"Албатта Аллоҳ некиҳо ва бадиҳоро нависта аст, сипас онро баён намуд, пас ҳар касе қасди ху** б **й намуд ва онро анҷом надод, Аллоҳ барои ӯ дар наздаш як некии комил менависад ва агар қасди некӣ кард ва онро анҷом дод, Аллоҳ назди худ даҳ некӣ то ҳафтсад баробар то чанд баробари бисёр барои ӯ менависад. Ва агар қасди бадӣ намуд ва онро анҷом надод, Аллоҳ назди худ барои ӯ як некии комил менависад ва агар қасди бадӣ намуд ва онро анҷом дод, Аллоҳ як бадӣ барои ӯ менависад ".**

Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим дар Саҳеҳашон ба ин лафзҳо ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1- Исботи навистани некиҳо ва бадиҳо.

2- Албатта аз фазли Аллоҳ азза ва ҷалла дучандони савоби некиҳост.

3- Аз адли Аллоҳ азза ва ҷалла аст, ки дар бадиҳо зиёд карда намешавад.

4- Албатта Аллоҳ бар қасди некӣ савоб медиҳад, ҳаргоҳ ба он амал (ҳам) накунад, ба навистани он як некии комил.

5- Албатта касе қасди бадӣ кунад ва онро барои Аллоҳ тарк намояд, барояш ба сабаби тарки он як некии комил нависта мешавад.

6- Дар иҷрои некиҳо тарғиб намудан ва аз иҷрои бадиҳо тарсонидан.

Аллоҳ таъоло ба фазлу раҳматаш моро мағфират намояд, омин.

## ҲАДИСИ СИВУҲАШТУМ

Аз Абӯҳурайра разиаллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Албатта Аллоҳ таъоло мефармояд: Касе ки бо дӯстӣ Ман душманӣ кунад, бо ӯ ҷанг эълон мекунам. Ва бандаи Ман ба чизе дар назди Ман маҳбубтар аз он чизе, ки фарз гардондаам, наздик намешавад ва ҳамеша бандаи Ман ба иҷрои нафлҳо ба сӯи Ман наздик мешавад, то ки ӯро дӯст медорам. Ҳангоме ки ӯро дӯст доштам, Ман гуши ӯ мешавам, ки бо он мешунавад ва чашми ӯ мешавам, ки бо он мебинад ва дасташ мешавам, ки ба он мегирад ва пояш мешавам, ки бо он роҳ меравад, агар чизе аз Ман бихоҳад ба ӯ медиҳам ва агар паноҳ бихоҳад, паноҳаш медиҳам ".**

Ин ҳадисро имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Баёни фазли дӯстони Аллоҳ ва душмании онҳо хатари бузург дорад.

2). Албатта дӯстии Аллоҳ азза ва ҷалла ба иҷрои фарзҳо ва нафлҳо ба даст меояд.

3). Албатта маҳбубтарин чизе ки ба сӯи Аллоҳ азза ва ҷалла наздик месозад, иҷрои фарзҳост.

4). Исботи сифати муҳаббат барои Аллоҳ азза ва ҷалла.

5). Гуногун будани амалҳо дар дӯст доштани Аллоҳ онҳоро.

6). Албатта иҷрои нафлҳо баъди иҷрои фарзҳо муҳаббати Аллоҳ азза ва ҷалларо ҷалб мекунад.

7). Албатта касе ки муҳаббати Аллоҳ азза ва ҷалларо ба даст орад, Аллоҳ ӯро дар шунавоияш, биноияш, қапиданаш ва роҳ рафтанаш устувор мегардонад.

8). Албатта муҳаббати Аллоҳ азза ва ҷалла барои банда қабул шудани дуояш ва паноҳ додан ӯро аз он чизе ки метарсад, ҷалб менамояд.

9). Албатта савоби Аллоҳ азза ва ҷалла барои банда ба иҷобати талабаш ва саломат мондан аз чизи метарсидагияш мебошад.

Эй Аллоҳ моро аз дӯстону маҳбубонат қарор деҳ, ки нашунавем магар ҳақро, набинем магар ҳақро, нагирем магар чизи ҳалолро ва роҳ наравем магар ба сӯи роҳи ҳақ. Омин...

## ҲАДИСИ СИВУНУҲУМ

Аз ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Албатта Аллоҳ барои Ман аз хато ва фаромушии умматам ва аз он чизе ки маҷбур карда шавад, авф кардааст "**. Ҳадиси ҳасан аст, ибни Моҷа, Байҳақӣ ва дигарон ривоя т кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Баёни васеии раҳмати Аллоҳ ва фазлу эҳсони Ӯ ба бандагонаш, ҳайсияте ки дар ин се ҳолат гуноҳро аз онон бардошт.

2). Бардоштани ҷавобгарӣ аз хато, пас агар хато дар тарки воҷиб бошад, онро анҷом медиҳад ва агар хато дар талаф додани ҳаққи ғайраш бошад, онро зомин мешавад.

Аллоҳ ба фазлу раҳматаш моро авф намояд, омин.

## ҲАДИСИ ЧИҲИЛУМ

Аз ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз китфи ман гирифт, пас фармуд:**"Дар дунё чуноне бош, ки гӯё ту ғариб, ё раҳгузар бошӣ ". Ва ибни Умар разияллоҳу таъоло анҳумо мегуфт: Ҳаргоҳ шаб кардӣ, пас интизори субҳ машав ва ҳаргоҳ субҳ кардӣ, пас интизории шабро макун ва дар ҳолати саломатият барои бемории ят (амали нек кун) ва дар зиндагӣ барои мурданат (туша фароҳам кун) "**. Инро имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ ривоят карда аст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Бар эҳсос кардани ғурбат дар ин дунё тарғиб намудан, то ки дар он ба амалҳои нек омода шавад.

2). Феъли муаллим он чизеро, ки назари таълимгирандаро ба худаш мегардонад, то он чизе ки ба ӯ гуфта мешавад бифаҳмад, аз рӯи гуфтаи Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо "Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз китфи ман гирифт ".

3). Шитоб кардани саҳобагон дар баҷо овардани васиятҳои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

4). Фазли Абдуллоҳ ибни Умар ба гирифтанаш ба васияти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ташвиқ намудани дигарон бар он.

5). Бар шитоб намудан ба иҷрои амалҳои нек бетанбалӣ, ё дер кардан ташвиқ намудан.

Аллоҳ бар мо иҷрои амалҳои некро насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ЧИҲИЛУ ЯКУМ

Аз Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Ҳеҷ яки аз шумо имон намеорад, то ин ки ҳавои ӯ пайравӣ он чи бошад, ки Ман овардаам"**. Ҳадиси саҳеҳ аст, онро дар китоби ал- Ҳуҷҷа ба исноди саҳеҳ ривоят кардаем.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Вуҷубияти пайравии Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он чизе ки овардааст.

2). Гуногун будани мардум дар имондорӣ.

Аллоҳ пайравии халилаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро бар мо насиб гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ЧИҲИЛУ ДУЮМ

Анас разияллоҳу анҳу мегӯяд: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавидам, ки мегуфт:**"Аллоҳ таъоло фармуд: Эй фарзанди Одам! Ҳаргоҳ ту Маро ба дуо муроҷиат мекунӣ ва аз Ман умед мекунӣ, туро бар он (амалҳое, ки) буда мағфират мекунам ва парвое надорам. Эй фарзанди Одам! Агар гуноҳони ту ба абрҳои осмон бирасад, сипас аз Ман талаби мағфират кунӣ, гуноҳони туро мағфират мекунам. Эй фарзанди Одам! Агар ба сӯи Ман ба замине пур аз гуноҳ ва хато биёӣ, сипас бо Ман**

**вохурӣ дар ҳоле ки ба Ман чизеро шарик наовардай, ҳароина Ман ба замине пур аз мағфират ба сӯи ту меоям "**. Ин ҳадисро имом Тирмизӣ рмвоят намуда гуфт: Ҳадиси саҳеҳ аст.

**ФОИДАҲОИ ҲАДИС**

1). Васеъ будани фазли Аллоҳ азза ва ҷалла ва мағфирати гуноҳони бандагонаш.

2). Аз сабабҳои мағфирати гуноҳон, Аллоҳро дуо кардан ва аз Ӯ умед намудан ва ноумед нашудан.

3). Фазли мағфират намудан ҳамроҳи тавба ва ин ки Аллоҳ барои мағфиратталабкунанда гуноҳояшро мағфират мекунад ва агарчи ба ҳадди бисёре ҳам расида бошад.

4). Албатта ширк овардан ба Аллоҳ ҳамон гуноҳест, ки мағфират карда намешавад ва ба ҷуз он дар зери машияту хостаи Аллоҳ аст.

5). Фазли ихлос ва албатта Аллоҳ ба сабаби он гуноҳҳоро тоза мекунад.

Аллоҳ таъоло ба мо ихлосу мутобаати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро насиб гардонад, омин.

**ҲАДИСИ ЧИЛУСЕЮМ**

Аз ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Миросҳоро ба соҳибонаш бидиҳед, пас он чизе ки фароиз боқӣ гузошт, пас барои наздиктарин мард (аз рӯи насаб)-ро бидиҳед "**.

Имом Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

Фароиз- саҳмҳое, ки дар Қуръон барои тақсими мерос муайян шудааст.

**ФОИДАҲОИ ҲАДИС**

1). Камоли шариат ва дарбаргирии он қоидаҳои куллии омро, ҳамчуноне ки дар ин ҳадис омадааст.

2). Тақдими касе ки ба фарз мерос мебарад, пас меросашро ато карда мешавад ва он чизе ки боқӣ монд барои касе мебошад, ки бетақдир мерос мебарад.

3). Бинобар ин ҳадис, қавли роҷеҳ дар масъалаи бобо ва бародарон, ихтисоси бобо дар гирифтани мерос ҷуз бародарон мебошад, зеро ӯ асл аст. Ва бародарон аз рӯи калола мерос мебаранд ва бобо монанди падар аст, пас дар гирифтани мерос ба ҷуз онон мустақил мебошад. Ва низ роҷеҳ тақдими бародарони модарӣ бар бародарони падарию модарӣ дар масъалаи мушаррака мебошад, зеро бародарони модарӣ ба фарз мерос мебаранд ва бародарони падарию модарӣ ба таъсиб мерос мебаранд ва соҳиби фарз, фарзаш ато карда мешавад ва касоне ки ба таъсиб мерос мебаранд боқии он чизеро, ки аз соҳибони фуруз боқӣ мондааст, мерос мебаранд ва агар боқӣ намонад соқит мешаванд.

## ҲАДИСИ ЧИҲИЛУ ЧОРУМ

Аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Разоат (ширхорагӣ) ҳаром мегардонад он чиро ки вилодат ҳаром мегардонад"**.

Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим раҳимаҳумаллоҳ ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Камоли шариат ва дар баргирии он қоидаҳои куллии омро, ҳамчуноне ки дар ин ҳадис омадааст.

2). Албатта ҳар зане, ки аз насаб ҳаром (маҳрам) шавад, монанди он аз разоат ҳаром мешавад.

ТАНБЕҲ:Ширхорагӣ боиси меросгирӣ намешавад, яъне тифли ширхорагӣ аз падару модар ва бародарону хоҳарони разоъияш мерос намебарад.

Аллоҳ илми нофеъ ва амали солеҳро насибамон гардонад, омин.

## ҲАДИСИ ЧИҲИЛУ ПАНҶУМ

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки ӯ Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро соли фатҳи Макка шунавид, вақте ки Ӯ дар Макка буд, мефармуд:**"Албатта Аллоҳ ва расулаш савдои хамр (арақ), худмурда, хук ва бутҳоро ҳаром гардонид,**

**пас пурсида шуд: "Эй Расулуллоҳ, аз равғани чарбуи худмурда хабар деҳ, пас албатта ба он киштиҳо ва ҷилдҳо равғанмолӣ карда мешавад ва ба он мардум талаби рушноӣ мекунанд?! Фармуд: Не, он ҳаром аст. Сипас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аллоҳ яҳудро ҳалок намояд, албатта Аллоҳ чарбуро бар онон ҳаром гардонид, пас онро об карда фурухтанд, пас қимматаш (пулаш)-ро хӯрданд"**.

Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Баёни ҳаром гардондани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин чор чизро.

2). Баёни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин ҳаромгардониро дар Макка соли фатҳи он, то касоне ки ислом овардаанд аз фоидаву савдои ин чор чиз тезтар боз истанд.

3). Албатта он чиро ки Аллоҳ ҳаром гардонид, пас фурухтани он ва пули он ҳаром аст.

4). Ҳаром будани он ҳилаҳое, ки ба воситаи онҳо ба ҳалолсозии ҳаромкардаҳои Аллоҳ мерасонад.

5). Мазамматти яҳуд ва баёни ин ки онҳо аҳли ҳилаанд, барои ба мубоҳ гардондани ҳаром расидан.

6). Ҳазар кунондани ин уммат аз воқеъ шудан дар он ҳилаҳое ки яҳуд воқеъ шуда буданд.

Аллоҳ моро аз мушобиҳатии яҳуд дӯр бигардонад, омин.

## ҲАДИСИ ЧИҲУЛУ ШАШУМ

Аз Абӯбурда аз падараш Абӯмусои Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро ба Яман фиристод, пас Ӯро аз нӯшокиҳое, ки дар онҷо таёр карда мешуд, пурсид. Пас фармуд:**"Он чист? ". Гуфт: Битъ ва мизр. Пас аз Абӯбурда пурсида шуд: Битъ чист? Гуфт: Нӯшокии асал (пас аз ҷӯшидан) ва мизр нӯшокии ҷав, пас фармуд: Ҳар чизи масткунанда ҳаром аст"**. Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Ҳарис будани саҳобагон разияллоҳу анҳум дар шинохтани ҳукмҳои шариат.

2). Камол ва дарбаргирии шариат бар қоидаҳои кулли умумӣ, ҳамчуноне ки дар ин ҳадис омадааст.

3). Ҳаром будани ҳамаи масткунандаҳо аз кадом навъе, ки бошад.

## ҲАДИСИ ЧИҲУЛУ ҲАФТУМ

Аз Миқдом ибни Маъдикариб ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавидам, ки мефармуд:**"Одамӣ зарферо пур накардааст, ки аз шикам бадтар бошад, барои фарзанди Одам хӯрданиҳое басандааст, ки пушташро рост намояд. Пас агар чорае набошад, пас сеякаш барои таомаш ва сеякаш барои шаробаш ва сеякаш барои нафасаш бошад "**.

Ин ҳадисро имом Аҳмад, Тирмизӣ, Насоӣ ва ибни Моҷа ривоят кардаанд ва Тирмизӣ гуфт: "Ҳадиси ҳасан аст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Баёни адаби шаръӣ, ки бар хӯранда дар андозаи хӯрданаш шоиста аст.

2). Аз пур кардани шикам ҳазар кунонидан, аз барои бемориҳо, танбалӣ ва пажмурдагиеро, ки ҷалб менамояд.

3). Албатта кифоягӣ ба он чизе ки ҳаёт боқӣ мемонад, ҳосил мешавад.

4). Албатта агар зиёдатӣ бар кифогӣ зарурӣ бошад, пас дар андозаи ду сеяки шикам бошад.

## ҲАДИСИ ЧИҲУЛУ ҲАШТУМ

Аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:**"Чор хислат дар касе бошад, мунофиқ мебошад. Ва агар дар он хислате аз он хислатҳо бошад, дар он хислате аз нифоқ аст, то ки онро тарк намояд. Ҳаргоҳ сухан гӯяд дурӯғ гӯяд ва ҳаргоҳ ваъда намояд, хилоф намояд ва ҳаргоҳ хусумату ҷанҷол кунад, фисқу фуҷур намояд ва ҳаргоҳ аҳд намояд, хиёнат намояд"**.

Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим ривоят кардаанд.

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Албатта аз зебогии таълим додан зикр кардани муаллим ададро пеш аз баёни маъдуд мебошад, то ки дар зеҳни таълимгиранда воқеъгирандатар бошад.

2). Баёни хатарнок будани ҷамъ омадани хислатҳои нифоқ дар як шахс.

3). Ҳазар кунондан аз дурӯғ гуфтан ва ин ки он аз хислатҳои нифоқ аст.

4). Аз хилофи ваъда кардан ҳазар кунонидан ва ин ки он аз хислатҳои нифоқ аст.

5). Аз фуҷур дар вақти хусумат ҳазар кунонидан ва ин ки он аз хислатҳои нифоқ аст.

6). Аз хиёнат кардан дар аҳдҳо ҳазар кунонидан ва ин ки он аз хислатҳои нифоқ аст.

Фуҷур- аз роҳи дуруст баромадан аст.

## ҲАДИСИ ЧИҲУЛУ НУҲУМ

Аз Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд:**"Агар шумо бар Аллоҳ ҳаққи таваккулашро таваккул намоед, ҳароина шуморо ризқу рӯзӣ медиҳад, ҳамонгуна ки парандаро ризқу рӯзӣ медиҳад, шиками холӣ саҳар меравад ва бегоҳ бо шиками пур мегардад"**.

Ин ҳадисро имом Аҳмад, Тирмизӣ, Насоӣ, ибни Моҷа, ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш ва Ҳоким ривоят кардаанд. Ва Тирмизӣ мегӯяд: " Ҳадиси саҳеҳ аст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Воҷиб будани таваккул бар Аллоҳ ва дар ҷалби талабот ва дур кардани ҳамаи тарсиданиҳо бар Аллоҳ эътимод кардан.

2). Чанг задан ба асбоб бо таваккули бар Аллоҳ, ин таваккулро нафй намекунад.

## ҲАДИСИ ПАНҶОҲУМ

Аз Абдуллоҳ ибни Буср разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Марде пеши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй

Расулуллоҳ! Албатта шариатҳои Ислом ба таҳқиқ бар мо бисёр шуд, пас бобе ки ба он чанг бизанем, ҷомеъ бошад? Фармуд: **"Забонат ҳамеша ба зикри Аллоҳ машғул бошад "**.

Ин ҳадисро ба ин лафз имом Аҳмад ривоят кардааст ва Тирмизӣ, ибни Моҷа ва ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш ба маънояш ривоят кардааст. Ва Тирмизӣ мегӯяд: " Ҳасану ғариб аст ".

## ФОИДАҲОИ ҲАДИС

1). Ҳирси саҳобагон разияллоҳу анҳум бар саволҳои аз умури динашон.

2). Фазли зикри Аллоҳ азза ва ҷалла ва бар он мудовимат кардан.

Танбеҳ: Фоидаҳои ҳадис аз китоби (Фатҳ-ул- Қавий-ил-Матин)-и шайх Абдулмуҳсин Абод ҳафизаҳуллоҳ нақл шудааст.

**Дар охир аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло масъалат менамоям, ки ин амали бандаро дар номаи ҳасаноташ сабт намояд, барои рӯзе, ки бо Ӯ вомехӯрам захира намояд, рӯзе ки ҳеҷ чиз фоида намедиҳад, магар касе ки ба қалби солим дар он рӯз биёяд, омин ё Рабба-л-ъоламин.**

*Ба қалами: ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ*

*МАДИНАИ МУНАВВАРА*

*1438 ҳиҷрӣ-2017 мелодӣ*